# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Ахбори Маҷлиси Олип Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 379; с. 2015, № 3, мод. 197, № 7-9, мод. 697)**

(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175, аз 8.08.2015 № 1211, аз 30.05.2017 № 1409, аз 23.12.2021 №1805, аз 23.12.2021 №1806)

Қонуни конститутсионии мазкур тартиби ташкил ва фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб, бозхонд ва истеъфои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мурофиаи судии конститутсионӣ, инчунин дигар муносибатҳои вобаста ба фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175)*.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба назорати конститутсионӣ буда, бо мақсади таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409, аз 23.12.2021 №1806)*.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, адолати судии конститутсиониро амалӣ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонуни конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

### Моддаи 3. Баробарии ҳама дар назди қонун ва суд

Адолати судӣ аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 4. Баробарҳуқуқии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парвандаҳо ҳуқуқи баробар доранд.

### Моддаи 5. Тартиби баррасии парвандаҳо дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Баррасии парвандаҳо, қабули санадҳои судӣ, баррасии масъалаҳои боздошти ваколатҳои судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

дигар масъалаҳои пешбининамудаи Қонуни конститутсионии мазкур дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дастҷамъӣ дар ҳайати на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии судяҳо сурат мегирад.

2. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти овозҳои судяҳои дар мурофиаи судӣ иштирокдошта қабул карда мешаванд.

**Моддаи 6. Доираи ҳалли парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо масъалаҳои ҳуқуқро муайян ва ҳал менамояд.

2. Агар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ шуморад, дар доираи дархост ва пешниҳоди муроҷиаткунанда маҳдуд нашуда, метавонад дар як вақт санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигарро, ки дар асоси санади меъёрии ҳуқуқии ғайриконститутсионӣ донисташуда қабул гардидаанд ё онро айнан такрор мекунанд ва ё ҳамон нуқтаҳои дар муроҷиат зикршударо дар бар мегиранд, бекор намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175, аз 30.05.2017 № 1409)*.

## БОБИ 2. ҲАЙАТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАРТИБИ ИНТИХОБИ ОН

**Моддаи 7. Ҳайати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 нафар судяҳо иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати интихоб шудани на кам аз се ду ҳиссаи ҳайати он ба фаъолият оғоз менамояд.

3. Раис ва муовини Раис судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ваколатҳои худро бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкур ва Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**Моддаи 8. Тартиби интихоби Раис, муовини Раис ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талабот нисбати онҳо**

1. Раис, муовини Раис ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешаванд.

2. Ба вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон будан барои мардҳо 63 ва барои занҳо 58 мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

3. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд забони давлатиро донад.

4. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд, дониш

ва таҷрибаи худро барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, истифода барад, ваколатҳояшро бо маҳорати касбӣ иҷро намояд ва сазовори номи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

5. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва берун аз он бояд аз содир намудани амалҳое, ки боиси паст задани обрӯи ҳокимияти судӣ ва шаъну эътибори судя мегарданд ё беғаразона, одилона ва холисона будани ӯро зери шубҳа мегузоранд, худдорӣ намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**Моддаи 9. Мӯҳлати ваколати судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати 10 сол интихоб карда мешавад.

2. Агар мӯҳлати ваколати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни дида баромадани парванда бо иштироки ӯ ба охир расад, ваколаташ то ба итмом расидани баррасии ин парванда нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 10. Савганди судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешавад, пас аз интихоб шуданаш дар ҷаласаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин савганд ёд мекунад: "Ман ботантана савганд ёд мекунам, ки вазифаҳои ба зиммаам гузошташударо бошарафона ва аз рӯи виҷдон иҷро менамоям, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро сидқан риоя ва ҳифз намуда, танҳо ба он итоат мекунам" *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

## БОБИ 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 11. Мустақилияти судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ва баррасии парвандаҳо мустақил буда, танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд. Онҳо ба далелҳои ҷамъовардашуда аз рӯи эътиқоди ботинии худ баҳо медиҳанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

2. Дахолат ба фаъолияти судяҳо, инчунин ба дигар шакл таъсир расондан бо мақсади мамониат кардан ба фаъолияти мурофиавии онҳо манъ аст.

3. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад, ки то ба итмом расидани баррасии парванда ва қабули қарори дахлдор дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштан ё надоштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида намояд, оид ба масъалаи дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасишаванда ақидаашро баён созад ё маслиҳат диҳад, инчунин ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки аз судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом

додани чунин амалҳоро талаб намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175, аз 30.05.2017 № 1409)*.

4. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул гардад, ба истисноӣ фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

5. Аз ваколат маҳрум кардан, маҳдуд намудани ваколат ва аз вазифа бозхонд кардани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ кардаанд, мумкин нест *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175, аз 30.05.2017 № 1409)*.

6. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳои он оид ба фаъолияти худ вобаста ба масъалаҳои мурофиаи судии конститутсионӣ (минбаъд-мурофиаи судӣ) ба ягон шахс ё мақоме ҳисобот намедиҳанд.

**Моддаи 12. Дахлнопазирии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад.

2. Дахлнопазирии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаёт, қадр ва номуси ӯ, манзили истиқоматӣ ва хизматӣ, воситаҳои нақлиёт ва алоқае, ки дар истифодаи ӯ қарор доранд, инчунин ба муросилот, ашё ва ҳуҷҷатҳои ӯ паҳн мегардад.

3. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидан, ҳабс кардан ва ба ҳабси хонагӣ гирифтан мумкин нест.

4. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешаванд. Парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

5. Чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муваққатан дур кардан аз вазифа, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил ва утоқи хизматии ӯ, ҳабси молу мулк, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани онҳо, кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисобҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарордоштаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости прокурор ё муфаттиш бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

6. Дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтукови шахсии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, азназаргузаронии молу мулк, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, ки онҳоро истифода мебарад, танҳо дар вақти дастгир намудани ӯ ҳангоми содир кардани ҷиноят, дар дигар мавридҳо бошад,

танҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятии нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғозгардида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

7. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои изҳори ақидааш тахти ягон хел таъсиррасонӣ қарор додан мумкин нест.

**Моддаи 13. Бездоштани ваколатҳои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ваколатҳои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин боздошта мешаванд:

- агар судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани тартиби муқарраргардида интихоб шуда бошад;

- агар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифа дур карда шавад;

- агар бо тартиби муқарраршуда барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ ризоият дода шуда бошад.

2. Ваколатҳои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон то аз байн рафтани асосҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда боздошта мешавад.

**Моддаи 14. Бозхонди судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бозхонди судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин амалӣ мегардад:

- бо хоҳиши худаш;

- бинобар қонеъ гардонидани аризаи хаттии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба истеъфо баромадан;

- нисбати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани ҳукми айбдоркунанда, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст;

- дар асоси ҳалномаи қувваи қонунӣ пайдокардаи суд дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудан, маҳдуд сохтани қобилияти амалкунӣ, бедарак ғоиб эътироф намудан ё фавтида эълон намудани ӯ;

- вафоти судя;

- машғул шудани судя бо фаъолияте, ки ба вазифаи ӯ номувофиқ аст;

- қатъ гаштани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- барои истиқомати доимӣ баромада рафтан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175);*

- содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад;

- бе сабабҳои узрнок дар мурофиаҳои судӣ зиёда аз ду маротиба пай дар пай иштирок накардан ё саркашӣ намудани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз овоздиҳӣ оид ба қабули қарор;

- бо сабаби вазъи саломатӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок муддати дуру дароз (на камтар аз чор моҳ пай дар пай) вазифаҳои худро иҷро накардани судя;

- ба охир расидани мӯҳлати ваколат;

- бинобар ба кори дигар гузаштан;

- ба нафақа баромадан;

- вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо.

**Моддаи 15. Истеъфои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Истеъфои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор аз вазифа рафтани судя мебошад. Барои судяе, ки дар истеъфо мебошад, номи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолати дахлнопазирии шахсӣ ва мансубият ба иттиҳодияи ҷамъиятии "Созмони судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" нигоҳ дошта шуда, дар ин бора ба ӯ шаҳодатномаи судяи дар истеъфобудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

2. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон он гоҳ баистеъфобаромада ҳисоб мешавад, ки агар ӯ бо асосҳои зерин бозхонда шуда бошад:

- қонеъ гардидани аризаи хаттии ӯ дар бораи ба истеъфо рафтан;

- ба охир расидани мӯҳлати ваколати ӯ;

- қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи ғайри қобили амал донистан ё маҳдуд сохтани қобилияти амалкунии ӯ;

- бо сабаби вазъи саломатӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок муддати дуру дароз (на камтар аз чор моҳ пай дар пай) вазифаҳои худро иҷро карда натавонистани ӯ.

3. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки бо хоҳиши худ ба истеъфо барояд. Ба судяи дар истеъфобудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сию панҷ сол собиқаи кории умумии ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла на камтар аз понздаҳ сол собиқаи кори судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод баробар ба шаст фоизи музди меҳнати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад. Таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод барои ҳар соли минбаъдаи корӣ дар вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи як фоизи музди меҳнати судяи Суди конститутсионӣ зиёд карда мешавад, вале он аз шасту панҷ фоизи музди меҳнати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд буда наметавонад.

4. Кор дар вазифаҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони онҳо, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳамчун собиқаи кори судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад, агар онҳо қаблан дар вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз 5 сол фаъолият карда бошанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175)*.

5. Кор дар вазифаҳои Раис, муовини якум ва муовинони Раис, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раис, муовини якум ва муовинони Раис, судяи

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раис, муовини якум ва муовинони раис, судяи Суди ҳарбӣ, раис, муовини якум ва муовинони раис, судяи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, раис, муовини якум ва муовинони раис, судяи Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ҳамчун собиқаи кори Раис, муовини Раис ва судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз аз 8.08.2015 № 1211)*.

6. Ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба истеъфо баромадан ба андозаи музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии яквақта пардохта мешавад.

7. Таъминотпулии ҳармоҳаи умрбод ё нафақа ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад.

## БОБИ 4. САЛОҲИЯТИ РАИС, МУОВИНИ РАИС ВА СУДЯКОТИБИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 16. Салоҳияти Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба фаъолияти ташкилии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд;
- ба тайёр намудани мурофиаҳои судӣ роҳбарӣ карда, онҳоро даъват ва дар онҳо раисӣ менамояд;
- масъалаҳоеро, ки мавриди баррасии мурофиаҳои судӣ мегарданд, ба муҳокима пешниҳод мекунад;
- ҳар сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи қонунияти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ Номаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мефиристад;
- Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муассиса, корхона, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдор намояндагӣ мекунад;
- ӯҳдадориҳои мансабии муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад;
- кори судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунад;
- роҳбарии умумиии дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд;
- оид ба нигоҳдории молу мулки давлатӣ, ки ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарӣ дода шудааст, чораҳо меандешад;
- ҷиҳати тақвияти муқовимат ба коррупсия ва риояи меъёрҳои Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешад;
- ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои қабул пешниҳод мекунад;

- номзадии судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- барои таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судӣ чораҷӯӣ менамояд;

- судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои гирифтани мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дараҷаҳои тахассусӣ пешниҳод менамояд;

- кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, онҳоро барои гирифтани мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, бо рутбаҳои дараҷавию тахассусӣ ҳавасманд мегардонад;

- ба санадҳои судӣ ва протоколҳои мурофиаҳои судӣ имзо мегузорад;

- дигар ваколатҳоеро, ки Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, иҷро мекунад.

2. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ амру фармонҳо мебарорад.

3. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд.

**Моддаи 17. Салоҳияти муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии парванда иштирок мекунад, вазифаҳои Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳангоми набуданаш иҷро мекунад, аз рӯи тақсимоти вазифаҳо дигар корҳои вобаста ба фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

**Моддаи 18. Салоҳияти судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешавад.

2. Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари иҷрои вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро анҷом медиҳад:

- корҳои ташкилиро оид ба омодасозии мурофиаҳои судӣ анҷом медиҳад ва барои иҷрои қарорҳои қабулкардаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешад;

- корро оид ба таҳияи саривақтии протоколи мурофиаҳои судӣ ташкил менамояд;

- ба санадҳои судӣ ва протоколи мурофиаҳои судӣ имзо мегузорад;

- ба мақомоти дахлдор, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон фиристодани нусхаи санадҳои судии қабулшударо, ки ба онҳо дахл дорад, ташкил менамояд.

## БОБИ 5. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУРОФИАИ СУДӢ ДАР СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 19. Ошкоро будани мурофиаи судӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муҳокимаи парвандаҳо дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истисноИ ҳолатҳое, ки он ба манфиатҳои ҳифзи сирри давлатӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, дахлнопазирии ҳаёти шахсии онҳо ва муҳофизати ахлоқу одоби ҷамъиятӣ мухолиф мебошад, ошкоро гузаронида мешавад.

2. Дар ҳамаи ҳолатҳо қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкоро эълон карда мешаванд.

3. Бо иҷозати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио-видеоӣ, пахши ҷараёни мурофиаи судӣ аз тариқи радио ва телевизион дар рафти мурофиа роҳ дода мешаванд.

**Моддаи 20. Парвандаҳоро бевосита баррасӣ кардани Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад бе муҳокимаи бевоситаи парванда, ки тартиби онро Қонуни конститутсионии мазкур муқаррар кардааст, оид ба моҳияти он қарор қабул намояд.

2. Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии парванда аз лаҳзаи эълон шудани мурофиаи судӣ то пӯшида шудани он шахсан иштирок мекунанд.

3. Ҳеҷ як судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад дар баррасии парванда бе сабабҳои узрнок иштирок накунад.

4. Имконнопазирии иштироки судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии минбаъдаи парванда дар сурати мавҷуд будани шумораи кофии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давом додани мурофиаи судӣ мамониат намекунад.

5. Дар вақти машварати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон судяи дар мурофиаи судӣ иштирокдошта ҳуқуқ надорад аз овоздиҳӣ худдорӣ кунад. Ҳар як судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ақидаашро оид ба парванда пеш аз қабул шудани қарор шахсан баён намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175)*.

**Моддаи 21. Баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиаи судӣ**

1. Дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо сурат мегирад.

2. Тарафҳои мурофиаи судӣ ба изҳори раддия ва дархост, пешниҳоди далелҳо, иштирок дар тадқиқи онҳо, ба суд пешниҳод намудани ваҷҳ ва баёноти худ, суханронӣ дар музокираҳои судӣ, амалӣ намудани дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавии дар Қонуни конститутсионии мазкур пешбинишуда ҳуқуқи баробар доранд.

**Моддаи 22. Шифоҳӣ гузаронида шудани мурофиаи судӣ**

Мурофиаҳои судӣ ба таври шифоҳӣ бурда мешаванд. Суди конститутсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки ҳангоми баррасии парванда шарҳу баён ва суханронии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, нишондоди шоҳидон, мутахассисон, хулосаи коршиносро шунавад, ҳуҷҷатҳои дар парвандабуда ва пешниҳодкардаи иштирокчиёни мурофиаи судӣ, хулосаи экспертиза, протоколҳо ва дигар далелҳои хаттиро эълон кунад.

**Моддаи 23. Забони мурофиаи судӣ**

1. Мурофиаи судӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баён ва эълон намудани санадҳои судии қабулнамудаи он ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони дар мурофиаи судӣ иштироккунанда, ки забони давлатиро намедонанд, тарҷумаи мурофиаи судиро бо забони модарии онҳо ё бо забоне, ки онро медонанд, тавассути тарҷумон таъмин менамояд.

3. Шахсони иштироккунандаи парванда, шоҳидон, мутахассисон, коршиносон, ки забони мурофиаи судиро намедонанд, метавонанд ба забони модариашон ё ба забоне, ки медонанд, шарҳу эзоҳоти худро баён намоянд ва аз хизмати тарҷумон истифода баранд.

4. Дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи мурофиаи судӣ бо забони давлатӣ тартиб дода мешавад.

**Моддаи 24. Махфияти машварати судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми машварати судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хонаи машваратӣ, ки дар он парванда моҳиятан ҳал карда мешавад, ҳузур доштани шахсони бегона манъ аст.

2. Ошкор сохтани мулоҳизаҳое, ки ҳангоми машварати судяҳо иброз шудаанд, мумкин нест.

**Моддаи 25. Ботантана гузаронида шудани мурофиаи судӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судӣ ба тариқи ошкоро дар вазъияти ботантана ва бо риояи ҳамаи талаботи одоби муоширати судӣ гузаронида мешавад.

2. Шахсони дар толори мурофиаи судӣ ҳузурдошта бояд ба амрҳои раисикунанда дар бораи риояи тартибот дар мурофиаи судӣ итоат кунанд.

3. Ҳангоми ба толори судӣ даромадан ва аз он баромадани судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шахсони ҳузурдошта аз ҷой бармехезанд.

4. Ҳар як иштирокчии мурофиаи судӣ дар вақти ба суд муроҷиат намудан, суханронӣ кардан, шарҳу баёнот додан ва сухан гуфтан аз ҷой бармехезад. Муроҷиат ба судя ё судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суханони "Мӯҳтарам судя ё судяҳои..." оғоз меёбад.

5. Қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба моҳияти парванда аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровarда шуда, ҳозирон онро рост истода мешунаванд.

**Моддаи 26. Рад кардан ё худрадкунии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Иштироки судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии парванда метавонад дар мавридҳои зерин рад карда шавад, агар:

- судя пештар вобаста ба ӯҳдадориҳои мансабиаш дар қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки предмети баррасии Суди конститутсионӣ гардидааст, иштирок карда бошад;

- ӯ хешованди наздики яке аз тарафҳо ё намояндаи онҳо бошад, бевосита ё бавосита ба натиҷаи ҳалли парванда манфиатдор бошад ё дигар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки холис ва бёғараз будани ӯро зери шубҳа гузоранд.

2. Рад кардан ё худрадкунии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби тарафҳои мурофиаи судӣ ё судя метавонад дар тамоми марҳалаҳои мурофиаи судӣ арз карда шавад.

3. Рад кардан ё худрадкунии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи аксари судяҳои дар маҷлис ҳузурдоштаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи баровардани таъиноти дахлдор қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо судя радкардашуда ҳисобида мешавад.

4. Масъалаи радкунӣ ё худрадкунии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷараёни мурофиаи судӣ арз шудааст, дар хонаи машваратӣ бе иштироки судяи радшаванда ҳал карда мешавад. Радшаванда ҳуқуқ дорад, ки то ба хонаи машваратӣ даромадани суд ақидаашро нисбати раддияи ба ӯ арзшуда изҳор намояд.

5. Радкунӣ ё худрадкунии тамоми ҳайати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин нест.

## БОБИ 6. ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДӢ, ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

### Моддаи 27. Иштирокчиёни мурофиаи судӣ

1. Тарафҳо ва намояндагони онҳо, шоҳидон, коршиносон ва тарҷумонҳо иштирокчиёни мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравand.

2. Ба мурофиаи судӣ намояндагони дигар мақомоти давлатии татбиққунандаи ҳуқуқ, ки ба санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қарордодашуда алоқамандӣ доранд, даъват карда мешаванд. Бо иҷозати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо хулосаи худро оид ба санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қарордодашуда пешниҳод менамоянд.

### Моддаи 28. Тарафҳо ва намояндагони онҳо

1. Дар мурофиаи судӣ инҳо тараф мебошанд:

- муроҷиаткунанда - субъектҳое, ки тибқи моддаи 40 Қонуни конститутсионии мазкур ҳуқуқи ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат карданро доранд;

- мақомот ва шахсони мансабдоре, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии қабулнамуда, ҷонибдорикарда ва баимзорасонидаи онҳо мавриди санҷиш қарор дода мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- мақомоти давлатие, ки салоҳияти онҳо мавриди баҳс қарор дода мешавад.

2. Намоянда - шахсе мебошад, ки ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳоро дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя мекунад.

3. Дар мурофиаи судӣ адвокатҳо, мутахассисон ва дигар шахсон метавонанд ба сифати намояндаи тарафҳо иштирок кунанд, ки доираи ваколати онҳоро ваколатномаи додашудаи тарафҳо муайян менамояд.

4. Тарафҳо метавонанд якчанд намоянда дошта бошанд.

5. Намояндаи тарафҳо дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи вазифа инҳо мебошанд:

- роҳбари мақоме, ки ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст;

- роҳбари мақом, шахси мансабдори санади меъёрии ҳуқуқиро қабулнамуда, ҷонибдорикарда ё баимзорасонида, ки оид ба муайян намудани мувофиқати он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъала гузошта шудааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

**Моддаи 29. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо ва намояндагони онҳо**

1. Тарафҳо ва намояндагони онҳо дар доираи ваколатҳояшон ҳуқуқҳои баробари мурофиавӣ дошта, метавонанд:

- бо тамоми маводе, ки дар ҷараёни омодагӣ ба мурофиаи судӣ оид ба масъалаи баррасишаванда дастрас шудаанд, шинос шаванд, аз онҳо иқтибос гиранд, нусха бардоранд, далел оваранд, дар таҳқиқи далелҳо иштирок намоянд, далелу мулоҳизаҳои худро доир ба ҳамаи масъалаҳое, ки дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба миён меоянд, пешниҳод намоянд;

- ба таври хаттӣ дархост пешниҳод намуда, ба судяҳо шифоҳӣ ва хаттӣ шарҳу баёнот диҳанд, мулоҳизаҳои худро оид ба изҳори дархост баён кунанд;

- бо забони модарии худ ё забоне, ки медонанд, баёнот диҳанд ва аз хизмати тарҷумон истифода баранд;

- ба тарафи дигар, шоҳидон, коршиносон ва мутахассисон савол диҳанд;

- оид ба масъалаи баррасишаванда дар музокираи суди иштирок намоянд ва суханронии хотимавӣ кунанд;

- дар бораи шарҳу эзоҳ додани қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод намоянд;

- то ба хонаи машваратӣ рафтани ҳайати суд асос ё предмети талаботашонро тағйир диҳанд, ҳаҷми онро зиёд ё кам кунанд ё аз талаботашон даст кашанд;

- талабҳои гузошташударо пурра ё қисман эътироф кунанд ё ба муқобили онҳо норозигӣ изҳор намоянд.

2. Тарафҳо ва намояндагони онҳо ӯҳдадоранд:

- бо даъвати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир шаванд;

- дар мурофиаи судӣ нисбат ба якдигар хушмуомила буда, тартибу қоидаҳоеро, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, эҳтиром намоянд ва ба саволҳои раисикунанда, судяҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҷавоб гӯянд;

- ба амрҳои раисикунанда оид ба риояи тартибот дар мурофиаи судӣ итоат намоянд;

- фикри худро оид ба ҳолатҳои кор, ки ба онҳо маълуманд, аниқ ва дуруст баён намоянд, инчунин далелҳо оварда, ҳолатҳоеро исбот кунанд, ки ба онҳо ҳамчун ба асоси талаб ва норозигии худ такя менамоянд.

**Моддаи 30. Шоҳид**

1. Дар сурати зарурат Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости тарафҳо ва намояндагони онҳо ба мурофиаи судӣ метавонад шоҳидро даъват намояд. Шахсе ба сифати шоҳид баромад карда метавонад, ки ба ӯ оид ба ҳолатҳои кор аз рӯи масъалаи баррасишаванда маълумот ё далеле маълум аст.

2. Шоҳид дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан барои дидаю диниста додани нишондоди бардурӯғ ё саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ бо даъвати суд ё нахостани додани нишондод огоҳ карда мешавад.

3. Шоҳид ӯҳдадор аст, ки ба мурофиаи судӣ ҳозир шавад, дар бораи масъалаи баррасишаванда маълумот дода, ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд ва ба саволҳои судяҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҷавоб диҳад.

**Моддаи 31. Коршинос**

1. Ба сифати коршинос ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси дорои дониш ва малакаи муайян дар соҳаи илму техника, санъат ё дигар касбҳои мухталиф, ки метавонад ба масъалаи баррасишаванда тавзеҳот диҳад, мумкин аст даъват карда шавад. Масъалае, ки ба он коршинос бояд хулоса диҳад, аз тарафи судяи маърӯзакунанда ё Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Коршинос дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, барои додани хулосаи бардурӯғ ё саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ бо даъвати суд ё саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои худ огоҳ карда мешавад.

3. Коршинос ҳуқуқ дорад, ки бо маводи парванда шинос шавад, ба тарафҳо ва шоҳидон саволҳо диҳад, инчунин дар хусуси ба ӯ пешниҳод намудани маводи иловагӣ дархост пешниҳод намояд, маълумотеро, ки барои додани хулоса зарур аст, навишта гирад ё нусхабардорӣ кунад.

4. Коршинос баъди фаҳмонидани хулоса ӯҳдадор аст, ки ба саволҳои иловагии раисикунанда, судяҳо, тарафҳо ва иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҷавоб диҳад.

**Моддаи 32. Мутахассис**

1. Ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мутахассис шахсе даъват карда мешавад, ки дар масъалаҳои муайян дониши махсус ва таҷрибаи кофӣ дорад.

2. Мутахассис барои додани тавзеҳот ва пурра кардани андешаи худ ҳуқуқ дорад бо маводи парванда шинос шавад, дар мурофиаи судӣ бо иҷозати раисикунанда ба дигар иштирокчиёни Мурофиаи судӣ саволҳо диҳад.

3. Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ё саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои худ мутахассис мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

**Моддаи 33. Тарҷумон**

1. Ба мурофиаи судӣ ба сифати тарҷумон шахсе даъват карда мешавад, ки ӯ забони давлатӣ ва забони иштирокчиёни мурофиаро, ки забони мурофиаи судиро намедонанд, озод дониста, гуфтугӯ ва тарҷума карда метавонад.

2. Тарҷумон ӯҳдадор аст, ки бо даъвати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир шуда, маводи ба ӯ додашударо пурра ва аниқ тарҷума намояд.

3. Тарҷумон дар сурати саркашӣ намудан аз ҳозиршавӣ ба мурофиаи судӣ ё аз иҷрои вазифаи ба зиммааш гузошташуда ё дидаву дониста нодуруст тарҷума кардани мавод тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## БОБИ 7. САЛОҲИЯТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 34. Салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳияти конститутсионии дар моддаи 89 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур пешбинишуда мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳияти зерин мебошад:

- баррасии парвандаҳо дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда;
- баррасии парвандаҳо дар хусуси муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия;
- баррасии парвандаҳо оид ба ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;
- иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва дигар қонунҳо муайян кардаанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

3. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудани хиёнат ба давлат хулоса қабул мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

### Моддаи 35. Салоҳияти дигари Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои худ:

- Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул менамояд;
- матни Номаи ҳарсолаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи вазъи қонунияти конститутсионӣ муҳокима ва кабул менамояд:
- котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб мекунад;
- масъалаи боздоштани ваколати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳал менамояд;
- масъалаи таъин намудани ҷарима ва дигар чораҳои таъсиррасониро ба вайронкунандагони мурофиаи судӣ баррасӣ менамояд;
- фаъолияти дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ карда, вобаста ба он қарорҳои дахлдор қабул менамояд;

- масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод намудани судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони дастгоҳи онро ҳал менамояд;

- ҳайат ва Низомномаи Шӯрои илмию машваратии назди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;

- дигар масъалаҳои фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ менамояд.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар ҷараёни омода намудани парванда барои баррасӣ дар мурофиаи судӣ аз ҳама мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои илмӣ маълумоти заруриро дархост карда гирад, инчунин бо тартиби муқарраргардида мутахассисонро ба кори экспертӣ ва илмию машваратӣ ҷалб намояд.

**Моддаи 36. Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Масъалаҳои дохилии фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни конститутсионии мазкур танзим нагардидаанд, тавассути Дастури Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда мешаванд.

**Моддаи 37. Номаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи қонунияти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо парвандаҳои баррасишаванда Нома мефиристад. Нома дар маҷлиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, бо протокол ба расмият даровaрда мешавад.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин метавонад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дигар масъалаҳо, аз ҷумла доир ба таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҳудуди кишвар мурофиат намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

## БОБИ 8. ТОБЕИЯТИ ПАРВАНДАҲО БА СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 38. Тобеияти парвандаҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи салоҳияташ, парвандаҳое, ки дар моддаи 34 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ шудаанд, тобеият доранд.

2. Ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин парвандаҳо дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дорои хусусияти махфӣ мебошанд, низ тобеият доранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

**Моддаи 39. Тобеияти чандин талаботи бо ҳам алоқаманд**

Дар сурати якҷоя намудани чандин талаботи бо ҳам алоқаманд, ки баъзе аз онҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзеи онҳо ба мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ тобеият доранд, дар Суди конститутсионӣ

танҳо масъалае мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки ба ҳамин суд тобеияти судӣ дорад.

**Моддаи 40. Субъектҳои мурожиат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*

Ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои зерин ҳуқуқи мурожиат карданро доранд:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда мешаванд;

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мақомоти давлатӣ оид ба баҳсҳои байни онҳо доир ба салоҳияташон;

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ нисбат ба шахсони воқеӣ дар муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ татбиқ карда шудаанд;

- судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба истисноии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар парвандаи мушаххас нисбат ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ татбиқ шудаанд ё бояд татбиқ карда шаванд;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ

нисбат ба онҳо дар муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ татбиқ карда шудаанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**БОБИ 9. ТАРТИБИ ОҒОЗ КАРДАНИ МУРОФИАИ СУДӢ ВА БАРОИ БАРРАСӢ ОМОДА НАМУДАНИ ПАРВАНДА**

**Моддаи 41. Шакл ва мазмуни муроҷиат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муроҷиат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ сурат мегирад.

2. Мақомот ва шахсони мансабдори дар сархатҳои якум - чоруми моддаи 40 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинигардида ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод ва шахсони дар сархатҳои панҷум-ҳафтуми моддаи номбурда пешбинигардида бо дархост муроҷиат мекунанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

3. Дар пешниҳод ва дархост бояд нишон дода шаванд:

- номи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- насаб, ном, номи падар, суроғаи шахси муроҷиаткунанда ё ном ва суроғаи ташкилот ё мақоми муроҷиаткунанда;

- насаб, ном, номи падар, суроғаи намояндаи шахси муроҷиаткунанда ва ваколати ӯ;

- ном, суроғаи мақомоти давлатӣ ё насаб, ном ва номи падари шахси мансабдори санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкарда, ҷонибдорӣ карда ва ба имзорасонида, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- ном, сана ва рақами қабул, манбаи интишор ва дигар маълумот оид ба санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қароргирифта;

- ҳолатҳо ва далелҳои мушаххас дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат надоштани меъёрҳои мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки муроҷиаткунанда талаб ва далелҳои худро бо онҳо асоснок мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- вайроншавии ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси конститутсионии инсон ва шаҳрванд аз татбиқи санади меъёрии ҳуқуқии ба андешаи муроҷиаткунанда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқатнадошта *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- моҳияти талаби муроҷиаткунанда;

- меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур, ки барои муроҷиат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ медиҳанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- номгӯи ҳуҷҷатҳои ба пешниҳод ё дархост замимашаванда.

4. Пешниҳод ё дархостро муроҷиаткунандаи дахлдор, ки дар моддаи 40 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ шудааст, имзо мекунад. Ба он ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:

- нусхаи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки мувофиқати он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муроҷиаткунанда пурра ё

қисми алоҳидаи он мавриди баҳс қарор гирифтааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- ҳуҷҷатҳо дар бораи ваколати намоянда, ғайр аз ҳолатҳое, ки намояндагӣ аз рӯи вазифа амалӣ карда мешавад.

5. Ба ҳуҷҷатҳое, ки ба забони дигар навишта шудаанд, тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ замима карда мешавад.

6. Пешниҳод ё дархост ва замимаи онҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо теъдоди на камтар аз 10 нусха пешниҳод карда мешавад. Бо талаби судя тарафи муроҷиаткунанда бояд миқдори дигари нусхаи ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд.

7. Ба пешниҳод ва дархост ҳуҷҷат оид ба пардохти боҷи давлатӣ замима карда мешавад.

**Моддаи 42. Мӯҳлати бо дархост муроҷиат кардан ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Субъектҳои муроҷиат, ки дар сархати ҳафтуми моддаи 40 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар муддати як сол аз рӯзи нисбати онҳо татбиқ шудани қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806).*

**Моддаи 43. Баррасии пешниҳоду дархост дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ё дархости воридшударо ба як ё якчанд судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиш ва санҷиш медиҳад.

2. Судя ё судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ё дархостро санҷида, дар муддати як моҳ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оғоз намудани мурофиаи судӣ ё рад намудан аз оғози мурофиаи судӣ пешниҳод манзур менамоянд.

3. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди судя ё судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ карда, дар бораи оғоз намудани мурофиаи судӣ таъинот қабул менамояд ва ба судя ё судяҳо супориш медиҳад, ки парвандаро барои баррасӣ дар мурофиаи судӣ тайёр намоянд ё дар бораи рад намудани оғози мурофиаи судӣ таъинот қабул менамояд. Дар ин хусус ба муроҷиаткунанда хаттӣ хабар дода мешавад.

4. Нусхаи таъинот дар бораи оғоз намудани мурофиаи судӣ ба тарафҳо ва муроҷиаткунанда, нусхаи таъинот дар бораи рад намудан аз оғози мурофиаи судӣ дар мӯҳлати панҷ шабонарӯз ба муроҷиаткунанда фиристода мешавад.

5. Дар ҳолати такроран муроҷиат кардан ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалае, ки дар хусуси он таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рад намудан аз оғози мурофиаи судӣ мавҷуд аст, ба муроҷиаткунанда нусхаи таъинот дода шуда, ҳамзамон ба ӯ дар бораи минбаъд қатъ намудани мукотиба оид ба масъалаи мазкур хабар дода мешавад.

6. Дар сурати оғоз гардидани мурофиаи суди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо таъиноташ амали санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қароргирифтаро то баррасии парванда боздорад.

**Моддаи 44. Асосҳои баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Асос барои дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидани парванда пешниҳод ё дархости хаттӣ ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки тибқи талаботи Қонуни конститутсионии мазкур оварда шуда бошад.

2. Барои баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гаштани номуайянӣ дар масъалаи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияташон ва ҳолатҳои дигаре, ки аз салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, асос мегардад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

3. Асос барои дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудани парванда дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ё лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳодшаванда, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409, аз 23.12.2021 №1806)*.

4. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хусуси ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда мешаванд, бо тартиб ва мӯҳлати муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкур баррасӣ намуда, оид ба он хулоса қабул мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**Моддаи 45. Рад кардан аз оғози мурофиаи судӣ**

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози мурофиаи судӣ дар мавридҳои зерин рад мекунад *Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*:

- мувофиқ набудани пешниҳод ё дархост аз ҷиҳати шаклу мазмун ба талаботи моддаи 41 Қонуни конститутсионии мазкур ё набудани асос барои баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз тарафи мақомот ё шахси (субъекти) ҳуқуқи муроҷиатнадошта ворид шудани пешниҳод ё дархост;

- агар муроҷиати пешниҳодшуда таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надошта бошад;

- аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ин баррасӣ шудани масъалаи дар пешниҳод ё дархост зикршуда ва дар ин бора мавҷуд будани санади дахлдори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаштани мӯҳлати яксолаи бо дархост муроҷиат кардан ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*;

- аз эътибор соқит дониста шудани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани он зери шубҳа қарор дода шудааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

**Моддаи 46. Омода намудани парванда барои баррасӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мурофиаи судии оғозкардашуда бояд дар мӯҳлати ду моҳ парвандаро барои баррасӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намояд. Барои ин ӯ:

- тарафҳоро аз рӯи парванда муайян намуда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиавиашонро, ки ҳамин Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ кардааст, фаҳмонда медиҳад, барои гирифтани далелҳо ва пешниҳод кардани онҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо мусоидат менамояд;

- тарафи муроҷиаткунандаро мепурсад;

- ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигари ба парванда дахлдоштаро талаб карда мегирад;

- шахсони дахлдори мансабдорро мепурсад;

- дар сурати зарурат олимон, кормандони амалиро ба сифати мутахассисон, коршиносон ҷалб мекунад, барои гузаронидани тафтишу таҳқиқ ва экспертиза супориш медиҳад;

- доираи иштирокчиёни парвандаро муайян ва ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*;

- масъалаи дар як мурофиаи судӣ якҷоя намудани талаботи бо ҳам алоқаманд, ки онҳо ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеият доранд ё аз ҳам ҷудо кардани талаботи ба мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ тобеиятдоштаро, ки дар як муроҷиат изҳор шудаанд, ҳал менамояд;

- ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи боздоштани амали санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қароргирифта то баррасии парванда, инчунин қатъ кардани пешбурди парванда дар сурати бо ихтиёри худ пешниҳод ё дархостро пас гирифтани муроҷиаткунанда ё дар сурати бекор кардан ё беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қароргирифта, таклиф пешниҳод менамояд;

- на дертар аз даҳ рӯз то оғози баргузории мурофиаи судӣ нусхаҳои маводи зарурии парвандаро ба судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарафҳо ва дар сурати зарурат ба дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ месупорад;

- ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъин кардани парванда барои баррасӣ дар мурофиаи судӣ таклиф пешниҳод мекунад;

- иштирокчиёни мурофиаи судиро оид ба баргузории мурофиаи судӣ хабардор намуда, иштироки онҳоро таъмин менамояд;

- барои таъмин намудани баррасии саривақтии парванда дигар амалҳоро иҷро мекунад.

2. Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад барои баррасӣ омода намудани парвандаро ба якчанд судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида, мӯҳлати омода кардани онро то як моҳ дароз намояд.

**Моддаи 47. Ба баррасии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани парванда**

1. Агар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаро барои баррасӣ дар мурофиаи судӣ ба таври кофӣ омодашуда ҳисобад, дар хусуси таъин намудани он барои баррасӣ таъинот қабул менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

2. Иттилоот дар бораи вақт ва маҳалли баргузории мурофиаи судӣ дар сомонаи расмии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз то баргузории мурофиаи судӣ ҷойгир карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

## БОБИ 10. БАРРАСИИ ПАРВАНДА АЗ ҶОНИБИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 48. Мӯҳлати баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми шаш моҳ аз рӯзи ворид шудани мурочиат (пешниҳод ё дархост) баррасӣ карда мешавад.

**Моддаи 49. Тартиби баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Парванда дар мурофиаи судӣ таҳти раисии Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (раисикунанда) баррасӣ карда мешавад. Тартиби пешбурди маҷлисро раисикунанда муайян менамояд.

2.Раисикунанда:

- дар вақти таъиншуда мурофиаи судии Суди конститутсиониро мекушояд;

- парвандаеро, ки бояд баррасӣ шавад, эълон менамояд;

- ҳозир будани шумораи кофии судяҳо ва таъмини таҳияи протоколро муайян мекунад;

- ба судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маърӯза дар бораи ҳузур доштани тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ, даъватшудагон ва сабабҳои ҳозир нашудани онҳо сухан медиҳад;

- ба тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва даъватшудагон ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро мефаҳмонад;

- аз тарафҳо ва намояндагони онҳо дархост доштанашонро дар хусуси даъват кардани шоҳидон, мутахассисон, коршиносони иловагӣ ва доштани далелҳои иловагӣ мепурсад ва масъалаҳои дигареро, ки дар рафти мурофиа ба миён меоянд, барои ҳал кардан ба муҳокимаи суд пешниҳод менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*;

- оғози моҳиятан баррасӣ намудани парвандаро эълон мекунад.

3. Баррасии парванда аз баромади судяи маърӯзакунанда оғоз меёбад, ки вай моҳияти парванда, сабабу асосҳои баррасии он, мазмуни маводи мавҷуда, инчунин ҷавобҳояшро ба саволҳои судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён мекунад, сипас бояд шарҳу баёни тарафҳо шунида шавад. Ба тарафҳо мумкин аст саволҳо дода шаванд.

4. Агар зарурати пурсиши шоҳидон ва ҷалби мутахассисон мавҷуд бошад, пеш аз пурсиши онҳо раисикунанда онҳоро дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, барои саркашӣ кардан аз додани нишондод ва ё нишондоди бардурӯғ додан огоҳ менамояд.

5. Дар мурофиаи судӣ мумкин аст ҳуҷҷатҳо эълон гарданд ва суханронии шахсони даъватшуда шунида шавад.

6. Баъд аз ба охир расидани таҳқиқи шарҳу баёнот ва ҳуҷҷатҳо суханронии хотимавии тарафҳо шунида мешавад, агар онҳо баромад кардан хоҳанд. Тарафҳо ва намояндагони онҳо ҳуқуқ надоранд, ки ҳангоми суханронии хотимавии худ ба ҳуҷҷатҳо ва ҳолатҳое, ки ба баррасии парванда алоқаманд нестанд ва аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ нашудаанд, истинод биёранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

7. Агар суд таҳқиқоти масъалаҳоро тамомшуда шуморад, раисикунанда ба итмом расидани баррасии масъаларо эълон мекунад ва суд ба хонаи машваратӣ меравад.

8. Дар хонаи машваратӣ ҳар як судя мавқеи худро оид ба масъалаи баррасишаванда озодона баён мекунад ва раисикунанда аз дигар судяҳои мавқеашон номуайян хоҳиш менамояд, ки онҳо низ мавқеашонро оид ба масъалаи баррасишаванда аниқ намоянд.

9. Баъд аз ба имзо расидани қарори қабулкардаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон раисикунанда ё яке аз судяҳо онро дар маҷлисгоҳи судӣ эълон мекунад.

**Моддаи 50. Қатъ намудани пешбурди парванда**

1. Пешбурди парванда аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- агар дар ҷараёни мурофиаи судӣ муайян карда шавад, ки масъалаи танзимнамудаи қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муайян намудани мувофиқати онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санҷиш пешниҳод шудааст, инчунин баҳс миёни мақомоти давлатӣ оид ба салоҳият дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст ё бо хусусият ва аҳамияти худ таҳти тобеияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор надорад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- ихтиёран даст кашидани муроҷиаткунанда аз талаботи дар муроҷиаташ нишондодашуда;

- бекор кардан ё аз эътибор соқит дониста шудани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муайян намудани мувофиқати онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии Суди

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- дигар ҳолатҳое, ки аз Қонуни конститутсионии мазкур бармеоянд.

2. Даст кашидани муроҷиаткунанда аз талаботи дар муроҷиаташ нишондодашуда дар мурофиаи судӣ то ба хонаи машваратӣ даромадани ҳайати суд қабул карда мешавад. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз талаби пешниҳодкардааш даст кашидани муроҷиаткунандаро рад кунад, агар дар санади меъёрии ҳуқуқии мавриди баҳс қароргирифта вайроншавии манфиати давлат ва ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони дигар муайян гардад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

3. Дар бораи қатъ кардани пешбурди парванда Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот қабул мекунад.

**Моддаи 51. Мавқуф гузоштани мурофиаи судӣ**

1. Мурофиаи судӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин мавқуф гузошта шавад, агар:

- суд тайёрии парвандаро нокифоя ва омӯзиши иловагии онро зарур шуморад;

- мавқуф гузоштани мурофиаи судиро ягон судя ё намояндаи тарафҳо талаб намояд ва асосҳои овардаи онҳо эътимоднок шуморида шаванд;

- дар мурофиаи судӣ шумораи зарурии судяҳо ҳузур надошта бошад;

- яке аз тарафҳо омӯзиши иловагии ҳуҷҷатҳоеро, ки тарафи дигар пешниҳод намудааст, дархост намояд;

- тарафҳо, шоҳидон, мутахассисон ва коршиносон, ки ҳузурашон ҳатмӣ дониста шудааст, ҳозир нашуда бошанд ё агар зарурати таъин намудани экспертиза ва талаб намудани далелҳои иловагӣ ба миён омада бошад;

- ҳуҷҷатҳои дархостшуда, ки барои баррасии парванда моҳиятан заруранд, сари вақт пешниҳод нашуда бошанд;

- ҳолатҳои объективие мавҷуд бошанд, ки аз ҷониби суд узрнок ҳисобида шаванд;

- дигар ҳолатҳое, ки суд асоснок мешуморад.

2. Дар бораи мавқуф гузоштани мурофиаи судӣ таъинот қабул карда мешавад.

3. Баррасии парванда аз тарафи суд баъд аз бартараф шудани асоси мавқуфгузорӣ аз ҳамон марҳилае, ки мавқуф гузошта шуда буд, идома дода мешавад.

**Моддаи 52. Боздоштани мурофиаи судӣ**

1. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мурофиаи судиро дар ҳолатҳои зерин боздорад:

- фавти шаҳрванд-тарафи мурофиаи судӣ, агар муносибатҳои баҳсноки ҳуқуқӣ ворисии ҳуқуқиро иҷозат диҳад;

- ғайри қобили амал эътироф намудани тараф ё набудани намояндаи қонунии шахсе, ки ғайри қобили амал эътироф шудааст;

- дар муассисаи табобатӣ ё дар сафари хизматии давомнок будани тарафҳо, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ мегарданд;

- ба вуҷуд омадани зарурати гирифтани хулосаи коршинос.

2. Мурофиаи судии боздошташуда баъд аз бартараф гардидани ҳолатҳое, ки барои боздоштани он асос шуда буданд, оғоз карда шуда, муҳокимаи парванда аз марҳилае, ки боздошта шуда буд, давом дода мешавад.

3. Дар бораи боздоштан ва аз нав оғоз кардани мурофиаи судӣ таъинот қабул карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1805)*.

**Моддаи 53. Оқибати ҳозир нашудани тарафҳо ва намояндагони онҳо ба мурофиаи судӣ**

Ҳозир нашудани яке аз тарафҳо ё намояндагони онҳо ба мурофиаи судӣ, ки дар бораи вақт ва ҷои гузаронидани мурофиаи судӣ ба таври дахлдор хабардор карда шудаанд, барои баррасии парванда монеъ шуда наметавонад. Дар баробари ин, агар баррасии парванда дар ҳолати иштирок накардани яке аз тарафҳо ё намояндагони онҳо ғайриимкон бошад ё тарафи мазкур дар бораи иштирокаш ҳангоми баррасии парванда хабар дода бошад, мурофиаи судӣ мавқуф гузошта мешавад.

**Моддаи 54. Оқибати ҳозир нашудани шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумон ба мурофиаи судӣ**

1. Дар сурати ба мурофиаи судӣ ҳозир нашудани шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумон суд фикри иштирокчиёни мурофиаи судиро оид ба имконияти баррасии парванда бе иштироки шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумон шунида, яке аз ин таъинотҳоро қабул мекунад:

- дар бораи моҳиятан баррасӣ намудани парванда бе иштироки шоҳидон, коршиносон, мутахассисон ва тарҷумон;
- дар бораи мавқуф гузоштани баррасии парванда ва таъин намудани вақти дигари баррасии парванда.

2. Таъинотҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида дар маҷлиси судӣ эълон карда шуда, дар протоколи маҷлиси судӣ навишта мешаванд.

## БОБИ 11. САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 55. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарор, хулоса ва таъинот иборатанд.

2. Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаро моҳиятан баррасӣ намуда, қарор қабул менамояд.

3. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, ба он раисикунанда ва судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузоранд.

4. Дар мавридҳои муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса қабул мекунад. Хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартибе, ки барои қабул намудани қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, қабул ва эълон карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

5. Оид ба дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни конститутсионии мазкур таъинот қабул карда мешавад.

6. Мазмуни қарор ва дигар санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳуқуқии судро, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд, ифода мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**Моддаи 56. Қабули санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овоздиҳии кушода қабул карда мешаванд.

2. Судяҳо ҳуқуқ надоранд аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд ва дар он иштирок накунанд.

3. Раисикунанда дар ҳамаи ҳолатҳо дар охир овоз медиҳад.

4. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб меёбад, ки агар ба тарафдории он аксарияти судяҳои дар маҷлиси судӣ иштирокдошта овоз диҳанд.

5. Дар сурати баробар будани овози судяҳо қарор дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавриди баҳс қарор дода шудааст, қабул карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

6. Қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз қабул шуданашон фавран эълон карда мешаванд.

**Моддаи 57. Фикри махсуси судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон розӣ нест, ҳуқуқ дорад ақидаи махсуси худро дар шакли хаттӣ ифода намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175)*.

2. Ақидаи махсуси судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маводи парванда ҳамроҳ карда шуда, ба сифати замимаи қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 18.03.2015 № 1175)*.

**Моддаи 58. Мазмуни қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти масъалаи баррасишаванда инҳо нишон дода мешаванд:

- номи қарор, сана ва ҷои қабули он;
- ҳайати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қарорро қабул намудааст, котиби маҷлиси судӣ;
- тарафҳо ва намояндагони онҳо;
- меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур, ки салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои баррасии ҳамин масъала пешбинӣ менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;
- талаби муроҷиаткунанда;
- ҳолатҳое, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- номи шартномаҳои байналмилалии ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани онҳо санҷида шудааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1805);*

- номи қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат доштани онҳо санҷида шудааст, бо нишон додани сарчашмаи интишор ё қабули онҳо *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- қарори мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ ё шахси мансабдоре, ки ба андешаи муроҷиаткунанда он дар асоси қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ қабул карда шудааст, бо нишон додани сарчашмаи интишор ё қабули онҳо *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- далелҳое, ки қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо асос ёфтааст, инчунин дар мавриди зарурат далелҳое, ки фикри тарафҳоро рад мекунанд;

- меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онҳоро Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти қабули қарор ба асос гирифтааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*;

- асосноккунии қарор;

- тартиби эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор, инчунин тартиб ва мӯҳлати иҷрои он;

- қатъӣ будани қарор;

- интишори қарор.

**Моддаи 59.**

хориҷ карда шуд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806).*

**Моддаи 60. Ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аз лаҳзаи қабул шуданашон эътибори қонунӣ пайдо мекунанд.

2. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъӣ буда, доир ба онҳо шикоят кардан мумкин нест.

3. Иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли моликият, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, ки санадҳои судӣ ба онҳо дахл доранд, ҳатмӣ мебошад.

4. Хулосаи тибқи қисми 3 моддаи 34 Қонуни конститутсионии мазкур қабулнамудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумот гирифта мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806).*

5. Қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё меъёрҳои алоҳидаи онҳо, ки аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ дониста шудаанд, аз эътибор соқит дониста мешаванд. Қабули такрории санадҳои номбурда, ки ба қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, манъ аст. Ҳангоми қабули чунин санадҳо онҳо эътибори ҳуқуқӣ надоранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409, аз 23.12.2021 №1806)*.

6. Қарорҳои судҳо ва дигар мақомот, ки ба қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ донисташуда асос ёфтаанд, мавриди иҷро қарор намегиранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

7. Ҳангоми ошкор шудани вайронкунии мушаххаси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдоре, ки ба вайронкунӣ роҳ додаанд, пешниҳод ирсол менамояд ва таваҷҷӯҳи онҳоро ба вайронкунии ошкоршуда, зарурати бартараф намудани он ва дар мӯҳлати муқарраршуда хабар додан дар бораи чораҳои андешидашуда ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409)*.

8. Дар ҳолати аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудани хулоса дар бораи риоя нашудани тартиби пешниҳоди айбдоркунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар содир намудани хиёнат ба давлат баррасии айбдоркунӣ қатъ карда мешавад.

9. Аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ донистани шартномаҳои байналмилалии *ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон* барои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор надоштани ин шартномаҳо ё баъзе аз меъёрҳои онҳоро ифода мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409, аз 23.12.2021 №1805)*.

**Моддаи 61. Иҷрои қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вақти қабул ё вақти дар ин санадҳо муқарраршуда эътибори қонунӣ пайдо менамоянд.

2. Қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма интишор карда мешаванд. Бо салоҳдиди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои дигари он низ метавонанд интишор карда шаванд.

3. Қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомот ва шахсони зерин фиристода мешаванд:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1409);*

- тарафҳо;

- ба дигар мақомот ва шахсони мансабдор, шаҳрвандон бо амри Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Дар бораи чораҳои андешидашуда оид ба иҷрои қарор ва хулосаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомот ва шахсони мансабдоре, ки иҷрои санади судӣ ба онҳо вогузор карда шудааст, ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати муқаррарнамудаи он хабар медиҳанд.

**Моддаи 62. Оқибати иҷро накардани санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Иҷро накардан, ба таври дахлдор иҷро накардан ва ё мамониат намудан ба иҷрои санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегардад.

**Моддаи 63. Шарҳи санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ шарҳ дода мешаванд.

2. Шарҳи расмии санадҳои судӣ бо ташаббуси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ ё мақомот ва шахсоне, ки санади судӣ ба онҳо равона гардидааст ё барои иҷрои санади судӣ вазифадоранд, дода мешавад.

3. Таъинот дар бораи шарҳи санади Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи судяҳо дар хонаи машваратӣ бо тартибе, ки барои қабули санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, қабул карда мешавад ва аз вақти қабул карда шуданаш эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

4. Нусхаи таъинот дар бораи шарҳи санади Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомот ва шахсоне, ки оид ба шарҳи санади Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудаанд, ба мақомот ва шахсони мансабдори дар қисми 3 моддаи 61 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинигардида ва ба муассисаҳои табъу нашр, ки санади қабулнамудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи онҳо интишор гардидааст, фиристода мешавад.

**Моддаи 64. Протоколи мурофиаи судӣ**

1. Ҷараёни мурофиаи судӣ аз лаҳзаи кушодашавии он то пурра ба охир расиданаш дар протоколи мурофиаи судӣ сабт карда мешавад.

2. Дар протоколи мурофиаи судӣ маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- сол, моҳ, сана ва маҳалли баргузории мурофиаи судӣ;

- вақти оғоз ва анҷоми мурофиаи судӣ;

- ҳайати суд, ки парвандаро баррасӣ намудааст, бо нишон додани насаб, ном, номи падари судяҳо, котиби маҷлиси судӣ, тарафҳо ва намояндагони онҳо ва дигар шахсони иштирокчии парванда;

- номи парванда;

- маълумот дар бораи ҳозир шудани тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ва даъватшудагон;

- маълумот оид ба фаҳмондани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ва даъватшудагон;

- таъиноте, ки суд дар мурофиаи судӣ қабул намудааст;

- аризаҳо, дархостҳо ва баёноти тарафҳо ва намояндагони онҳо;

- нишондоди шоҳидон, аз ҷониби коршиносон тавзеҳ додани хулосаҳои худ ва эзоҳи мутахассисон;

- муҳтавои хулосаи намояндагони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

- муҳтавои музокираҳои судӣ;

- маълумот оид ба эълон ва шарҳи муҳтавои санади судӣ;

- маълумот дар хусуси ба тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда фаҳмондани ҳуқуқҳояшон барои шинос шудан бо протоколи мурофиаи судӣ;

- санаи тартиб додани протоколи маҷлиси судӣ *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

3. Бо мақсади пурра таҳия намудани протокол стенограмма, воситаҳои сабти овоз ва дигар воситаҳои техникӣ истифода бурда мешаванд. Истифодаи воситаҳои техникии сабти овоз ва дигар воситаҳои техникии сабти рафти мурофиаи судӣ дар протокол дарҷ карда мешавад. Воситаҳои техникии сабти овозу сурат ба протоколи мурофиаи судӣ замима мегарданд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

4. Протоколи мурофиаи судӣ бояд дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи баъд аз ба охир расидани мурофиаи судӣ таҳия ва чоп карда шавад.

5. Протоколи мурофиаи судӣ аз тарафи котиби маҷлиси судӣ таҳия гардида, ба он раисикунанда ва судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мекунанд.

6. Тарафҳо ва намояндагони онҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ҳуқуқ доранд бо протокол шинос шаванд*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

## БОБИ 12. ЧОРАҲОИ ҲИМОЯИ МУРОФИАВИИ ФАЪОЛИЯТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 65. Ҳуқуқи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи чораҳои ҳимояи мурофиавӣ

1. Раисикунанда тартиботро дар маҷлиси судӣ таъмин менамояд, ба вайронкунандагони тартибот огоҳӣ медиҳад ва дар сурати давом додани вайронкунии тартибот онҳоро аз толори мурофиаи судӣ берун мекунад.

2. Вайронкунандагони тартибот дар мурофиаи судӣ тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд, агар дар ҳаракатҳои онҳо аломатҳои ҷиноят набошад.

### Моддаи 66. Хароҷоти судӣ

1. Хароҷоти судӣ аз боҷи давлатӣ ва хароҷоти вобаста ба баррасии парванда иборат аст.

2. Андоза ва тартиби пардохти боҷи давлатӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" муайян карда мешавад.

3. Ҳангоми баррасӣ нагардидани муроҷиат ё қатъ гардидани пешбурди парванда боҷи давлатӣ ба муроҷиаткунанда пас гардонида мешавад.

4. Хароҷоти вобаста ба баррасии парванда аз маблағи харҷкардаи шоҳидон, мутахассисон, коршиносон, тарҷумонҳо, ки онҳоро Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намудааст, маблағи барои гузаронидани экспертиза харҷшуда ва дигар хароҷоти вобаста ба омода намудан ва баррасӣ кардани парванда иборат мебошанд, ки онҳо дар асоси таъиноти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ пардохта мешаванд.

5. Хароҷоти вобаста ба иҷрои талаботи ҳатмии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки иҷрои талабот ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, пардохта мешавад.

6. Тарафе, ки вобаста ба баррасии парванда дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ харҷ кардааст, ҳуқуқ дорад рӯёнидани онро аз шахсони мушаххас бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## БОБИ 13. МАБЛАҒГУЗОРӢ, ТАЪМИНОТИ МОДДӢ ВА ҲИМОЯИ ИҶТИМОИИ СУДЯҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Моддаи 67. Музди меҳнати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Музди меҳнати судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маоши вазифавӣ, иловапулиҳо барои дараҷаи тахассусӣ ва собиқаи корӣ иборат аст.

2. Андозаи маоши вазифавӣ, андоза ва тартиби додани иловапулиҳо барои дараҷаи тахассусӣ ва собиқаи кории судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

3. Аз рӯи масъалаҳои таъминоти маишӣ, тиббӣ ва техникӣ Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини ӯ ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини аввал ва муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар мебошанд.

4. Ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи кораш шиносномаи дипломатӣ дода мешавад.

### Моддаи 68. Кафолатҳои дигари моддӣ барои судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вазифадор аст на дертар аз се моҳи интихоб шудани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар мавриди зарурати беҳтар намудани шароити манзилиаш барои вай бидуни навбат дар шаҳри Душанбе хонаи истиқоматӣ бо назардошти ҳуқуқи судя ба майдони иловагии зист ба андозаи на камтар аз 20 метри мураббаъ ё дар шакли утоқи алоҳида диҳад.

2. Баъд аз ба охир расидани 10 соли кори судягӣ хонаи истиқоматие, ки аз ҳисоби фонди давлатии манзил ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дода шудааст, ройгон ба моликияти ӯ дода мешавад. Ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилааш 50 фоизи музди хонаи истиқоматӣ дар хонаҳои фонди давлатии манзил, инчунин 50 фоизи маблағи тамоми хизматрасонии коммуналӣ (гармидиҳии марказӣ, таъмини об ва ғайра) пардохт карда мешавад.

3. Бо розигии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ ба ҷои хонаи истиқоматӣ қарзи бефоиз аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои харидан ё сохтани манзил дода мешавад.

4. Хизматрасонии тиббӣ ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузаштан ё гузаронидан ва ба истеъфо ё ба нафақа баромадани судя расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад.

5. Дар сурати озод кардан аз вазифа ва ё бозхонди судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи асосҳое, ки дар сархатҳои чорум ва панҷуми моддаи 14 Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ гардидаанд, ба оилаи вай кӯмакпулии якдафъаина ба андозаи музди меҳнати панҷмоҳаи судя дода мешавад.

6. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи брон ва бе навбат гирифтани ҷой дар меҳмонхонаҳо, харидани чиптаҳо дар ҳамаи намудҳои нақлиёт истифода мебарад.

7. Ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба нафақа баромадан ба андозаи музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии якдафъаина дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1806)*.

**Моддаи 69. Тадбирҳо доир ба ҳимояи иҷтимоии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ**

1. Ҳаёт ва саломатии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи музди меҳнати ҳаштмоҳааш суғуртаи ҳатмии давлатӣ карда мешавад.

2. Мақомоти суғуртаи давлатӣ дар ҳолатҳои зерин маблағи суғуртаро пардохт менамоянд:

- вафот кардани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи кор, агар ин ҳодиса ҳангоми иҷрои вазифа дар натиҷаи расидани зарар ба саломатӣ ба амал омада бошад, ба ворисони вай ба андозаи музди меҳнати ҳаштмоҳаи судяи Суди конститутсионӣ;

- ҳангоми иҷрои вазифа маъюб шудани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё расидани зарари дигар ба саломатии ӯ, ки имконияти минбаъд бо фаъолияти касбӣ машғул шудани ӯро номумкин мегардонад, ба андозаи музди меҳнати шашмоҳаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Дар сурати маъюб шудан ё расидани зарари дигар ба саломатии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифа, ки имконияти минбаъд ба фаъолияти касбӣ машғул шудани ӯро номумкин мегардонад, ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли тафовути байни музди меҳнат ва нафақаи таъиншуда бидуни дарназардошти маблағе, ки аз суғуртаи давлатӣ гирифтааст, ҷубронпулии ҳармоҳа дода мешавад.

4. Дар сурати вафот кардани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бинобар расидани зарар ба саломатӣ ҳангоми иҷрои вазифа ба истеъфо баромадани ӯ, ба аъзои ғайри қобили меҳнати оилааш, ки дар таъминоти ӯ мебошанд, ҳар моҳ ба андозаи фарқияти қисми маоши судяи вафоткарда, ки барои онҳо рост меояд, нафақае, ки бинобар бе саробон мондан барои онҳо таъин шудааст, бидуни назардошти пардохте, ки аз суғуртаи давлатӣ гирифтааст, ҷубронпулӣ дода мешавад.

5. Товони зараре, ки дар натиҷаи нобуд ё вайрон кардани молу мулки судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аъзои оилаи вай вобаста ба фаъолияти хизматӣ расонида шудааст, ба ӯ ё ба аъзои оилааш дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

6. Пардохти товони зараре, ки дар қисмҳои 3, 4 ва 5 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, аз ҳисоби маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ сурат мегирад.

7. Ҳуқуқи гирифтани бинои истиқоматӣ аз рӯи шартҳо ва асосҳое, ки то вафот кардани судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доштанд, барои оилаи вай низ нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 70. Дараҷаҳои тахассусии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои дараҷавии кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ба Раис, муовини ӯ ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои тахассусӣ ва ба кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои дараҷавӣ дода мешаванд.

2. Дараҷаҳои тахассусии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои дараҷавии кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

3. Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои тахассусии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои дараҷавии кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

4. Ба кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хизматчии давлатӣ ба ҳисоб мераванд, рутбаҳои тахассусӣ дода мешаванд, ки тартиби додани онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 71. Рухсатии меҳнатии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ба Раис, муовини ӯ ва судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бо давомнокии на камтар аз 35 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

2. Барои судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми доштани собиқаи кории касбӣ ба муддати зайл рухсатии иловагии пулакӣ дода мешавад:

баъди 7 соли собиқаи корӣ - 3 рӯзи тақвимӣ *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1805)*;

баъди 10 соли собиқаи корӣ - 5 рӯзи тақвимӣ;

баъди 15 соли собиқаи корӣ - 10 рӯзи тақвимӣ;

баъди 20 соли собиқаи корӣ - 15 рӯзи тақвимӣ.

3. Бо хоҳиши судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатӣ мумкин аст қисм-қисм дода шавад ва дар ин маврид давомнокии як қисми рухсатии додашуда набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ камтар бошад.

4. Судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рухсатии бемузд ба мӯҳлати на зиёда аз 60 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 72. Муҳофизати ҳуқуқи меҳнатии судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мӯҳлати ваколаташ ба охир расидааст ё хоҳиши ӯ барои ба истеъфо баромаданаш қонеъ гардонида шудааст, вазифаи (кори) пештараaш ва ё вазифаи (кори) ба он баробар дода мешавад.

2. Муддати дар вазифаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардан ҳамчун собиқаи кории касбӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Моддаи 73. Маблағгузории Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Маблағгузории Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда мешавад.

2. Сметаи хароҷоти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 74. Таъмини нафақаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таъмини нафақаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 75. Таъмини амнияти судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаашон ва молу мулки онҳо таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд.

2. Муҳофизати бино ва молу мулки судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати зарурат муҳофизати судя ва аъзои оилаи вай, хонаи истиқоматӣ ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта бо аризаи судя ва аъзои оилаи ӯ ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ гузошта, ройгон иҷро карда мешавад.

3. Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифта гаштан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани силоҳи хизматӣ ҳуқуқ доранд, ки тартиби онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 76. Ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳои он**

Беэҳтиромӣ нисбат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳои он, ҳамчунин содир намудани кирдоре, ки аз беэътиноии ошкоро нисбат ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

## БОБИ 14. ДИГАР МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 77. Дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои иттилоотию маълумотдиҳӣ, илмию машваратӣ, ёрирасонию ташкилӣ ва таъминотии фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳои онро иҷро менамояд.

2. Низомнома дар бораи дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

3. Сохтор ва шумораи умумии кормандони дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

4. Андозаи маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин шартҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатии дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" муайян карда мешавад.

**Моддаи 78. Либос, нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судиро бо либоси махсус ва нишони сарисинагӣ мегузаронанд, ки тасвир ва намунаи онҳо бо пешниҳоди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Ба судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодатнома дода мешавад, ки намунаи он бо пешниҳоди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

*3. Шаҳодатномаи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо карда мешавад(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 23.12.2021 №1805).*

**Моддаи 79. Шӯрои илмию машваратии назди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дар назди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби олимон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқ Шӯрои илмию машваратӣ ташкил карда мешавад.

2. Низомномаи Шӯрои илмию машваратӣ аз тарафи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 80. Қароргоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Қароргоҳи доимии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе мебошад.

2. Мурофиаҳои судии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи доимии он гузаронида мешаванд. Суди конститутсионӣ мурофиаҳои судии худро берун аз қароргоҳ низ гузаронида метавонад.

**Моддаи 81. Рамзҳои давлатӣ дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар болои биной Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷлисгоҳ ва ҳуҷраҳои кории судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нишони давлатӣ ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд.

**Моддаи 82. Мӯҳри Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мӯҳр мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфта, номи суд сабт карда мешавад.

**Моддаи 83. Нашрияи расмии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Нашрияи расмии Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

**БОБИ 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 84. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 85. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995 "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод. 223; с. 1997, №9, мод. 110; с. 1998, №10, мод. 111; мод. 115; с. 2000, №6, мод. 349; с. 2001, №4, мод. 200; с. 2004, №2, мод. 43; с. 2006, №3, мод. 142; с. 2007, №7, мод. 650; с. 2008, №3, мод. 180; №10, мод. 794; с. 2009, №7-8, мод. 488; с. 2011, №6, мод. 427; с. 2013, №3, мод. 175) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 86. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии мазкур**

Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон          Эмомалӣ Раҳмон

Ш. Душанбе,
26 июли соли 2014, № 1083

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оид ба қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оиди тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 ноябри соли 1995, № 85 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, № 21, мод. 224; с. 1997, №9, мод. 111; с. 1998, №10, мод. 112; мод. 116), қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2000, №5, мод. 260; с. 2001, №4, мод. 201; с. 2003, №12, мод. 723; с. 2006, №2, мод. 76; с. 2007, №6, мод. 511; с. 2008, №2, мод. 111; №6, мод. 518; с. 2009, №6, мод. 439; с. 2011, №5, мод. 358; с. 2013, №1, мод. 19) аз эътибор соқит дониста шаванд.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ
ш. Душанбе, 4 июни соли 2014, №1511

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИ КИСТОН**

**Оид ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев
ш.Душанбе, 17 июли соли 2014, №672